*ТДУ 21*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-109-113*

# *НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ КӮДАК*

***Салимзода Мадинахон Қодир**, дотсенти кафедраи Забони давлатӣ ва фанҳои ҷамъиятии ДПДТТ ба номи акад. М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *РОЛЬ СЕМЬИ В ФОРМИРОВАНИИ ЛИЧНОСТИ РЕБЕНКА*

***Салимзода Мадинахон Кадир**, доцент кафедры государственного языка и социальных наук Худжандского политехнического института Таджикского технического университета им. М.Осими ( Таджикистан, Худжанд)*

# *THE ROLE OF THE FAMILY IN DEVELOPING THE CHILD'S PERSONALITY*

***Salimzoda Madinakhon Qodir**, associate professor of the Department of State Language and Social Sciences of the Polytechnic Institute of the Technological University of Tajikistan named after Acad. Muhammad Osimi in Khujand,*
***E-mail:** madina_opr@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ**: таълим, тарбия, ҷараёни тарбия дар оила, волидон, ҳокимияти волидон, вазифаҳои оила, муносибатҳои оилавӣ, ташаккулёбии шахсияти кӯдак, омилҳои ташаккулёбии шахсияти кӯдак*

*Дар мақола оид ба нақши оила ва падару модар, барои ҳамчун шахсият ташаккул ёфтани кӯдак, вазифаҳои оила, омилҳои таъсиррасон дар раванди тарбияи фарзанд мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.Қайд мешавад, ки муҳити равонии хонавода яке аз муҳимтарин шароити шаклгирии шахсияти кӯдак ба ҳисоб рафта, вай аз рӯзи таваллуди худ таҳти таъсири наздикони хеш қарор мегирад.Кӯдак аз аъзои хонавода иттилооти аввалияро дар мавридҳои ҳанҷоршои рафторӣ дар ҷомеъа ба даст меорад, барои аввалин бор бо хубу бад, робита бо калонсолон ва вазифаҳояш ошно мешавад.Мақола дорои аҳамияти таълимию тарбиявӣ буда, таваҷҷӯҳи омӯзгорону волидайнро дар ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас, барои мукаммал шудани дониш аз ҷониби нафароне, ки наврасро дар ин марҳилаи ҳассос ҳамроҳӣ мекунанд, тариқи омӯзиш ва ба назар гирифтани назарияи пешниҳод шудаи педагогҳо ва равоншиносони машҳур, аз ҷумла Ж.Ж. Руссо, В.Сухомлинский, И.А Герасимова., Л.С. Виготский ва З.Фрейд ҷалб менамояд.*

***Ключевые слова**: обучение, воспитание, процесс воспитания в семье, родители, власть родителей, функции семьи, взаимоотношения в семье, развитие личности ребенка, факторы развития личности ребенка*

*Рассматривается вопрос о роли семьи и родителей в становлении личности ребёнка в процессе воспитания. Отмечается, что психологическая среда семьи считается одним из важнейших условий формирования личности и ребенок находится под влиянием своих родственников со дня рождения. От членов семьи ребенок получает основную информацию о нормах поведения в обществе, впервые знакомится с тем, что хорошо и что такое плохо, своими отношениями со взрослыми и своими обязанностями. Статья охватывает важные аспекты процесса воспитания подрастающего поколения и, несомненно, привлекает внимание преподавателей, родителей и тех лиц, которые сопровождают детей в этот трудный период, дают возможность усовершенствования уровня знания, апробировать предложенные теории видных педагогов и психологов, таких как Ж.Ж. Руссо, В. Сухомлинский, И.А Герасимова., Л.С. Выготский, З. Фрейд и других, в процессе обучения и воспитания детей.*

***Key words:** training, education, the process of education in the family, parents, parental power, family functions, relationships in the family, development of the child's personality, factors in the development of the child's personality*

*The issue of the role of family and parents in the development of a child's personality in the process of upbringing is considered in this article. It is noted that the psychological environment of the family is considered one of the most important conditions for the formation of personality, and the child is under the influence of his relatives from the day of birth. From family members, the child receives basic information about the norms of behavior in society, for the first time he becomes acquainted with what is good and what is bad, his relationships with adults and his responsibilities. The article covers important aspects of the process of educating the younger generation and undoubtedly attracts the attention of teachers, parents and*

*those who accompany children during this difficult period, provides an opportunity to improve the level of knowledge, to test the proposed theories of prominent teachers and psychologists like Zh.Zh. Russo, V. Sukhomlinsky, I.A Gerasimova, L.S. Vygotsky, Z. Freud and others in the process of teaching and raising childre*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нақши оила ва падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд муҳим ҳисобида, қайд кардаанд, ки «Фарзанд меваи умри одамизод мебошад, то замоне, ки ҷон дар бадани инсон ҳаст, набояд ӯ аз тарбияи фарзанд канораҷӯӣ намояд» [].

Фарзанди солеҳ ва соҳибмаърифат идомабахши кору пайкори волидон, насл ва номбардори падару модар аст. Муҳити оилавӣ дар тарбияи фарзанд мавқеи бузург дошта, он барои ҳамчун шахсияти комил ба воя расидани фарзанд мусоидат менамояд.

Дар мақолаи мазкур нақши оила ва падару модар, ва мавқеи онҳо ҷиҳати ҳамчун шахсият ташаккул ёфтани кӯдак дар раванди тарбияи фарзанд мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Таи солҳои охир аҳамият ва вазифаҳои оила яке аз муаммои мубрам ба ҳисоб меравад. Имрӯз Тоҷикистон, чун дигар давлатҳои ҷаҳон дар марҳилаи ҳассос қарор дошта, ҷамъияти мо ба бӯҳрони иқтисодӣ не, балки бо мушкилоти вайроншавии шахсият дучор шудааст. Аз ин лиҳоз, тамоми ниҳоду сохтор ва мақомотҳоро зарур аст, ки барои аз байн бурдани ин мушкилот, дар ҳамбастагӣ, фаъолият намоянд ва барои амалӣ намудани ин вазифаҳо бояд масъулин нақши оиларо дар ташаккули шахсияти кӯдак аз нуқтаи назари илмӣ дар байни ҷомеа тарғиб намоянд.

Шахсият… кай, дар куҷо ва кӣ ба тарбияи кӯдак бояд машғул шавад? Киро масъули тарбияи шахсият метавон гуфт? Оила, мактаб ё ҷомеа?

Муҳити аввалине, ки кӯдакро иҳота менамояд, оила аст.Оила ҷаҳонест, ки кӯдак дар он зиндагӣ мекунад, фаъолият мебарад, эҳтиром, хурсандӣ, ҳамдардӣ кардан ва дӯст доштанро меомӯзад. Ҳамчун узви оила кӯдак метавонад муносибати муайянро бо волидон ба роҳ монад ва ин муносибатҳо метавонанд ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ расонанд. Дар ин замина кӯдак метавонад самимӣ, некхоҳ, шод, ё ин ки дурушт, дуруғгӯй ва дурӯя ба воя расад. Тарбияи кӯдак аз волидон масъулияти хосаро талаб мекунад. Инсонро мо бояд дар заминаи меҳру муҳаббати модар нисбат ба падар ва падарро нисбат ба модар ба камол расонем. Фарзанди хуб дар ҳамон оила тарбия меёбад, ки дар он падару модар нисбат ба ҳамдигар меҳру муҳаббати самимӣ ва эҳтиром дошта бошанд.

Таъсири рафтору кирдори падару модар дар инкишофи кӯдак хеле бузург аст. Кӯдаке, ки дар фазои меҳру муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ ба воя мерасад нисбатан камтар ба мушкилоти вобаста ба саломатӣ, таҳсил дар мактаб ва муошират бо ҳамсолон дучор мешавад. Ҳангоме, ки аз ҷониби волидон нисбат ба кӯдак диққати махсус зоҳир карда намешавад, кӯдак боизтироб, гапнодаро, канораҷӯй ва аз лиҳози психикӣ ташаккул наёфта ба камол мерасад.

Бо назардошти нуқтаҳои болозикр, бо мақсади бештар намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [6] ба тасвиб расид, ки он бевосита масъулияти падару модарро дар тарбияи фарзанд ва ниҳодеро, ки ин муносибатҳоро ба танзим медороранд, муайян намуд. Таҷриба собит менамояд, ки ба таври дахлдор иҷро нашудани масъулияти падару модар дар тарбияи кӯдак ба косташавии тарбияи оилавӣ ва ҳамчун шахсият ташаккул наёфтани кӯдак оварда мерасонад.

Тарбияи оилавӣ на танҳо ахлоқ ва пандомезӣ, балки муошират доимӣ бо кӯдак бо шарти ба ҳам омадани ахлоқи умумиинсонӣ мебошад. Файласуф ва педагоги машҳури фаронсавӣ Жан – Жак Руссо қайд менамояд, ки «Хатои бузурге, ки дар раванди тарбия метавон кард ин-аз ҳад зиёд шитоб кардан аст» .

Кӯдак бо садои гиря ба дунё омада бо ин васила тамоми ҷаҳонро аз таваллуди худ огоҳ менамояд. Ҳанӯз аз овони навзодӣ ташаккули шахсияти кӯдак оғоз меёбад. Инсон оҳиста ҷаҳони иҳотакардаашро дарк мекунад. Ба хотири он ки кӯдак аз ӯҳдаи ҳалли мушкилот бароял, ӯро бояд ҳамарӯза аз меҳру муҳаббати волидон бархурдор намуд. Оиларо касе бадал карда наметавонад, зеро низоми арзишҳоро маҳз оила дар бар мегирад. Маҳз дар оила ташаккулёбии шахсият ба вуҷуд омада, дар он пояи асосии шахсияти кӯдак гузошта мешавад.Муҳимияти нақши оила дар он арзёбӣ мегардад, ки маҳз дар он кӯдак марҳилаи муайяни ҳаёташро паси сар менамояд.

Тарбия, қабл аз ҳама, асоси пешрафти инсон аст. Моҳияти ҳақиқии кори тарбияи оилавӣ на дар суҳбат бо фарзандон ва таъсиррасонии бевосита ба онҳо, балки тарзи ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии волидон дар ташкили ҳаёти инсонро фаро мегирад [5].

Ҳадафи таҳқиқи маводи мазкур омӯзиши таъсири оила ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак аст. Дар мақола якчанд масъалаҳо баррасӣ карда мешаванд, ки он муҳокимаи шароити тарбияи кӯдак ва таъсири муносибатҳои дохилиоилавӣ ба ташаккули шахсияти кӯдак, предмети таҳқиқот – оила, ҳамчун омили тарбия, объект – ҷараёни тарбияи фарзандон дар оила аз ҷумлаи онҳоянд .

Оила ин ниҳоди аввалини иҷтимоишавии кӯдак, асоси ҳаёт, сарчашмаи саодат ва арзиши муҳими маънавӣ барои инсон буда, баъдан ба он дигар ниҳодҳо боғча, мактаб ва ҷомеа ҳамроҳ мешаванд. Аммо дар ин марҳила боз ҳам оила аз ҳама омили муҳимтарини иҷтимоишавии шахсият боқӣ мемонад. Дар ҷараёни иҷтимоишавӣ, муҳити иҳотакардаи фард- оила, ҳамсолон чи дар боғчаи бачагона, чи дар мактаб ва ғайра иштирок менамоянд. Иҷтимоишавӣ ҷараёнест, ки дар раванди он аз ҷониби фард меъёрҳои гурӯҳ аз худ карда, бо ин васила «Ман»-и кӯдак ташаккул меёбад, хусусиятҳои нотакрори фард ҳамчун шахсият зоҳир гардида, ҷараёни мазкур барои азхудкунии намунаи рафтор, меъёр ва арзишҳои иҷтимоӣ барои фаъолияти минбаъдаи ӯ дар ҷомеа мусоидат менамояд [5].

Иҷтимоишавӣ дар ҷараёни тарбия ба вуҷуд меояд ва одатан оила ниҳоди асосии тарбия мебошад. Ҳамаи он малакае, ки кӯдак дар оила меомӯзад, тӯли ҳаёташ нигоҳ медорад. Муҳимияти оила бо он асос меёбад, ки кӯдак дар он муддати тӯлонии ҳаёташ қарор гирифта, меъёрҳои рӯзгори умумӣ, муносибатҳои инсонӣ ва хусусиятҳои неку бади оиларо ба худ касб менамояд.

Педагоги машҳур Василий Сухомлинский навиштааст: «Оила – он муҳити аввалине, ки кӯдак дар он бояд некӣ карданро омӯзад». Оила воситаи бузургтарини тарбия мебошад. Тарбия яке аз категорияҳои педагогика буда, он ҷараёни иҷтимоӣ-таърихии хеле мураккабу мухолифи ба наслҳои оянда додани таҷрибаи таърихӣ-ҷамъиятӣ аз ҷониби ҷанбаҳои гуногуни иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Муҳимтарин вазифаи тарбиявии оила бадалнашаванда аст [2].

Омилҳое, ки ба ҷараёни иҷтимоишавии кӯдак таъсир мерасонанд, инҳоанд;

1. Микроомилҳо – муҳити бевоситаи ҳаёт ва фаъолияти кӯдак, муҳити наздиктарини кӯдак: оила, дӯстону ҳамсолон, ҳамсояҳо ва микросотсиум.
2. Шароитҳои фарҳангии минтақа, субкултурӣ.
3. Макроомилҳо – мамлакат, ҷомеа, халқият, давлат.
4. Мегаомилҳо – ҷаҳон, сайёра, кайҳон, ки бевосита самтҳои минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ ба рушди инсон муносибат доранд [4].

Иҷтимоишавии кӯдак зери таъсири ҳама омилҳои болозикр ба вуҷуд меояд. Оила кӯдакро тарбияи иҷтимоӣ дода, ба ҷамъият ворид менамояд ва чун шахсият тарбия мекунад. Мо дар овони тифлӣ ба кӯдак ғизо медиҳем, ӯро нигоҳубин менамоем, бо ӯ бозӣ мекунем ва дар синни томактабӣ бошад, кӯдакро бо олами иҳотакарда шинос менамоем. Хулоса, иҷтимоишавиро дар маҷмӯъ ҳамчун таъсири муҳит муайян намуд, ки он фардро барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ водор карда, дарки фарҳанг, иҷрои нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ ва тарзи рафторро дар ҷомеа меомӯзонад [1].

Вазифаи асосии оила идомаи насл аст, аммо дар радифи ин вазифаҳо боз як қатор вазифаҳои иҷтимоии оиларо метавон номбар кард. Инҳо:

* Вазифаи тарбиявӣ – иҷтимоишавии насли наврас;

*Вазифаи хоҷагидорӣ – дастгирии оила, нигоҳубини кӯдакон ва кухансолон;

*Вазифаи иқтисодӣ – ба даст овардани маблағ ва дастгирии моддии ноболиғон ва кухансолон;

*Вазифаи назорати иҷтимоӣ – масъулияти шахсони калонсоли оила нисбати рафтори аъзои хурдсоли оила;

*Вазифаи эмотсионалӣ – таъмини ҳимояи психологии ҳар як аъзои оила;

*Вазифаи фароғатӣ – аз ҷониби шахсони калонсоли оила ташкили истироҳат ва ғанигардонии шавқу рағбати ҳар як аъзои оила[4].

Маълумоти аввалинро дар бораи муҳити иҳотакардааш кӯдак маҳз дар оила ёд мегирад. Оила барои кӯдак ҳисси бехатарӣ ва боварӣ ба атрофиёнро мебахшад. Иҷтимоишавӣ дар оила ҳам дар натиҷаи раванди мақсадноки тарбия ва ҳам тариқи механизми таълимоти иҷтимоӣ ба вуқӯъ мепайвандад ва дар навбати худ раванди таълимоти иҷтимоӣ аз рӯи ду самти асосӣ

ҷараён мегирад. Агар аз як тараф ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоӣ дар раванди бевоситаи ба ҳам таъсиррасонии кӯдак ва волидон, бародарону хоҳарон бошад, аз тарафи дигар пайдо кардани таҷрибаи иҷтимоӣ дар раванди муносибати бевоситаи кӯдак бо волидайн аз ҳисоби мушоҳидаи муносибатҳои хоси байни ҳамдигарии дигар аъзои оила мебошад[2].

Дар оила вазъи саломатии кӯдакон қавӣ ва қобилиятҳои онҳо ташаккул дода шуда, таваҷҷӯҳи хосаву ғамхорӣ оиди маълумотнокӣ, рушди аклонӣ ва тақдирии оядаи кӯдак зоҳир карда мешавад. Равоншиноси машҳур Зигмунд Фрейд ҷанбаҳои муҳими иҷтимоишавии кӯдакро ҷудо намуд, ки он 3 ҷанбаи асосиро дар бар мегирад. Мутобиқ ба назарияи Зигмунд Фрейд 3 ҷанбаи шахсият: «ид» - сарчашмаи қувва, ки барои ҳаловатбарӣ кӯшиш менамояд; «эго» - назорати шахсият аз нуқтаи назари ҳақиқӣ, ва «суперэго» - ҷанбаи баҳодиҳӣ [4]. Аз рӯи ақидаи Фрейд иҷтимоишавии шахсият дар натиҷаи се ҷанбаи шахсияти ба вуҷуд меояд.

Дар раванди тарбияи оилавӣ обрӯву эътибори волидон ва рафтори онҳо ҳамчун намуна нақши муҳим дошта, ба кӯдак таъсири бевосита дорад. Зери мафҳуми «мақом, обрӯву эътибор» аз ҷониби кӯдак эҳтироми волидонро бояд фахмид, ки натиҷаи ин эҳтиром иҷрои ихтиёрии ҳар як талаботи падару модар аст[5].

Волидон табиатан ва ё ин ки дар асоси тарсу ваҳм соҳиби обрӯву эътибор намегарданд, балки он дар заминаи меҳру муҳаббат, боварӣ ва дилбастагӣ нисбати пайвандон ба вуқӯъ мепайвандад. Қувваи ибратпазирии шахсии волидон аз хусусиятҳои психологии кӯдакони синни томактабӣ вобастагӣ дорад. Кӯдакон хусусияти ба хубу бад тақлид карданро доранд ва аз ин лиҳоз волидон ҳатман бояд рафтори худро назорат намоянд ва ин рафтор бояд намунаи ибрат, барои тақлиди кӯдак мувофиқ бошад. Барои дар чашми кӯдак соҳибмақом шудани волидон муносибати хуби волидон, ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳ намудан нисбати атрофиён хеле муҳим аст.Обрӯву эътибори волидон, қабл аз ҳама, аз муносибати волидон нисбати фарзанд, таваҷҷӯҳи онҳо ба хурсандӣ, ғамгинӣ, кору пайкор ва ҳаёти кӯдакон вобастагӣ дорад. Фарзандон ҳамон волидонеро эҳтиром мекунанд, ки агар онҳоро гӯш кунанд, дарк намоянд ва ба кӯмак омода бошанду рафтори кӯдаконро аз рӯи адолат баҳо гузоранд. Фарзандон ба муҳаббати оқилонаву серталаби волидон ҳамеша ниёз доранд. Аксар волидон бар он ақидаанд, ки фармонбардории кӯдакон аз сатҳи шуурнокӣ вобастагӣ дошта, ҳангоми ба воя расидан кӯдак идрок пайдо менамояд ва бо ин васила тарбия намудани кӯдак осонтар мешавад. Бинобар ин волидон ба кӯдакони синни томактабӣ озодии мутлақ, барои қонеъ намудани ҳавасси онҳо имкон медиҳанд. Падару модар бояд донанд, ки ҳангоми тарбияи фарзанд дар оила ҳатман ҳокимияти волидон амалӣ карда шавад ва зери мафҳуми «ҳокимият» масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар назди давлат фаҳмида мешавад[1]. Ҳокимияти волидон-ин ҳуқуқ ва имконияти падару модар барои ба иродаи худ тобеъ намудани фарзанд, муқаррар кардани талаботи онҳо мебошад. Ин аст масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд. [5].

Волидон барои фарзандон мисли оина маҳсуб меёбанд онҳо ба ва нафаре чун оина нигоҳ мекунанд он қудрати ба худ монанд кардан ё кӯшиши чизеро аз он омӯхтанро дорад. Маҳз волидон пайдошавии хусусиятҳои асосии шахсияти кӯдаки худ, аз қабили некӣ, меҳнатдӯстӣ, ростгӯӣ, эҳтиром ва покизакорӣ замина мегузоранд[2].

Қобил ба зикр аст, ки дигар омили муҳим дар раванди тарбия ин урфу одат, муошират ва муносибатҳои байни ҳамдигарии аъзои оила аст. Шаклҳои мушаххаси чунин муносибатҳоро кӯмак, дастгирӣ, боварӣ, эҳтироми ҳамдигар, самимият, ҳамдардӣ, меҳру муҳаббат, вафодорӣ ва ғайра ифода менамоянд. Дар ҳар оила муносибатҳои махсус байни аъзои оила ба вуҷуд омада, он метавонад ба худ шакли намунавӣ ва устуворро касб намояд ва ба муносибатҳои одатӣ табдил ёбад [4].

Дар фарҷом метавон қайд кард, ки оила дар тарбия фарзанд нақши бориз дошта, он омили муҳими тарбияи кӯдак аст.

Тарбия ин сарфаи қувваи зиёди инсон ҷиҳати ба камол расонидани шахсият буда, дар рушди оила муносибатҳои солими дохилиоилавии волидону фарзандон муҳим арзёбӣ мегардад. Нақши оила қисмати асосӣ буда бе он пешравӣ имконнопазир аст. Хусусияти муҳими оила ва муносибатҳои оилавӣ ба назар гирифтани хислат ва миҷози ҳар як узви оиларо дар бар мегирад ва маҳз дар оила комёбӣ ва норасоиҳои маънавии аъзои ҷомеа инъикос меёбад.

Муҳити психологии оила-яке аз муҳимтарин шарти ташаккули шахсият маҳсуб ёфта аз рӯзи таваллуд кӯдак зери таъсири наздикони худ қарор мегирад. Аз аъзои оила кӯдак бобати меъёрҳои муносибат дар ҷомеа маълумоти ибтидоиро пайдо намуда, аввалин маротиба бо хуб

чисту бад чист, муносибат бо калонсолон ва вазифаҳои хеш ошно мешавад. Инчунин фикру ақоиди шахсони наздик ба фарзандон таъсири бузург мерасонанд. Маҳз дар оила кӯдак мактаби аввалини ахлоқи ҳамида, дарси зиндагӣ ва малакаи рафторро меомӯзад, ки он шоҳроҳи ҳаёти минбаъдаи ӯро муайян менамояд.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Белкина, В.Н. Детская психология/В.Н.Белкина.–Ярославль, 1994.-162 с.
2. Божович Л. И. Личность и ее формирование в детском возрасте/ Л. И. Божович.- СПб.: Питер, 2008. - 398с.
3. Выготский, Л.С. Игра и ее роль в психическом развитии ребенка/ Л.С.Выготский//Вопросы в психологии, 1966 - №6 – С.62 – 77.
4. Герасимова, И.А. Структура семьи/И.А.Герасимова.- М., 1974.- 168с.
5. Головин, С.Ю. Словарь практического психолога/С.Ю.Головин.-М., 1998. – 800 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».-2 августи соли 2011.-№762.- https://mmk.tj/content-қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-масъулияти-падару-модар-дар-таълиму-тарбияи-фарзанд
7. Сорбон М.Дар таълиму тарбияи фарзанд таъхир набояд.- https://sadoimardum.tj/maorif/dar-ta-limu-tarbiyai-farzand-ta-hir-naboyad

## REFERENCES :

1. Belkina V.N. Child psychology. – Yaroslavl, 1994.- 162 p.
2. Bozhovich L.I. Personality and its formation in childhood/ L.I. Bozhovich. – St. Petersburg: Peter, 2008. - 398 p.
3. Vygotsky L.S. Game and its role in the mental development of a child/Questions in Psychology, 1966 - No. 6 – P. 62 – 77.
4. Gerasimova I.A. Family structure. M., 1974.-168p.
5. Golovin S.Yu. Dictionary of a practical psychologist. M., 1998. – 800p.
6. Law of the Republic of Tajikistan on Parental Responsibility in Child Education https.- August 2, 2011.-№762 https://mmk.tj/content-қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-масъулияти-падару-модар-дар-таълиму-тарбияи-фарзанд
7.Sorbon M. Education and upbringing of children should not be delayed.- https://sadoimardum.tj/maorif/dar-ta-limu-tarbiyai-farzand-ta-hir-naboyad/